**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
_____________ Мӯминзода Ш. А.
«_20_» ______08______ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст, ки аз руйи он ба Шӯрои диссертатсонӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ**. Шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин унсурҳои танзимкунандаи муносибатҳои фаромарзӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавқеи вижа доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ миёни давлатҳо,

аҳамияти шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо боз ҳам меафзояд. Ин гуна санадҳо на танҳо воситаи танзими робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни кишварҳо мебошанд, балки ҳамчун пояи ҳуқуқии ҳамкориҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ хизмат мекунанд.

Имрӯз, дар замони рушди босуръати тиҷорати байналмилалӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, интиқоли технологияҳо ва тавсеаи муносибатҳои трансмиллӣ, нақши шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ боз ҳам густариш меёбад. Онҳо меъёрҳои ягона, аз ҷумла меъёрҳои коллизионӣ, ки қонунгузории татбиқшавандаро дар ҳолатҳои баҳсҳои ҳуқуқӣ муайян менамоянд, ва меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, ки бевосита муносибатҳои ҳуқуқиро ба танзим медароранд, фаро мегиранд. Дар раванди таҳқиқ мавқеи шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ аз назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки қисми муҳими донишмандон шартномаҳои байналмилалиро танҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ дониста, ба сифати манбаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф намекунанд. Бо вуҷуди ин, нақши онҳо дар рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ рад намешавад. Баръакс, шартномаҳои байналмилалӣ омили муҳими пешрафти меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба низоми ҳуқуқи миллӣ ворид мешаванд. Ин амал бо истифодаи усулҳои «трансформатсия», «имплементатсия», «ретсепсия», «ҳавола» ва «инкорпоратсия» сурат мегирад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 3, моддаи 10 муқаррар намудааст: «Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Дар ҳолати мухолифат кардани қонунгузории ҷумҳурӣ бо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқи

байналмилалӣ амал мекунанд». Ин муқаррарот асосест барои он ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалии пазируфтаи Тоҷикистон ба сифати манбаи ҳуқуқи миллӣ шинохта шаванд, зеро дар онҳо ифодаи иродаи халқ ва соҳибихтиёрии давлат таҷассум ёфтааст. Ҳамчунин, сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун шакли ифода ва мустаҳкамсозии қоидаҳои ҳатмии рафтор дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ амал карда, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкиро бо унсури хориҷӣ ба танзим медароранд. Аз ҷумла, масъалаҳои қобилияти ҳуқуқӣ ва аҳамияти ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи сармоягузорӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, реҷаи ҳуқуқии корхонаҳои муштарак, масъалаҳои консулӣ, бастан ва қатъи никоҳ, муносибатҳои оилавӣ, фарзандхонӣ, мерос, муҳоҷирати меҳнатӣ, тиҷорат, эътирофи созишномаҳои арбитражӣ ва дигар ҳолатҳо дар доираи шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар мегарданд. Ин ҳама дар шакли шартномаҳои гуногун, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноӣ, аҳдномаҳои консулӣ ва дигар созишномаҳо инъикос меёбад.

Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии зиёда аз 2000 шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва беш аз 350 шартномаҳои бисёрҷониба мебошад. Ин санадҳо заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистонро бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъмин намуда, ҳамчунин муносибатҳои дохилидавлатӣ ва фаромарзиро низ ба танзим медароранд. Онҳо шароити ҳуқуқиро барои ҳамкориҳои тарафайн миёни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии кишварҳои гуногун дар ҳудуди Тоҷикистон фароҳам месозанд.

ҳуқуқшиносӣ ва амалия шартномаҳои байналмилалиро ба сифати сарчашмаи муҳими ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, эътироф намуда, нақши калидии онҳоро дар танзим ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ бо унсури хориҷӣ таъкид месозанд.

Шартномаҳои байналмилалӣ вобаста ба доираи амалашон ба универсалӣ, минтақавӣ ва вобаста ба шумораи иштирокчиён ба дуҷониба ва бисёрҷониба тақсим мешаванд. Ҳамчунин, аз рӯи хусусият метавонанд байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ бошанд. Ҳангоми танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ шартномаҳои байналмилалӣ аҳамияти вижа дошта, рисолаи диссертатсионии мавриди баррасӣ тибқи дастовардҳои илми ҳуқуқшиносӣ мубрам арзёбӣ мешавад ва таҳлили ҳамаҷонибаи он ба рушди илм ва такомули қонунгузории миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсияи оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда, санадҳои байналмилалӣ бар меоянд.

Дар диссертатсия бо истифода аз усулҳои маъмули илмӣ диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ хусусияти назариявӣ, амалии масъалаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ дарбар гирифта

шудаанд. Бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Муаллиф бо далелҳои муътадили илмӣ-амалӣ пешниҳод менамояд, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловагиҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Холмуродзода Ф.Ш. дар таҳқиқоти илмӣ ҷонибдории худро аз мазмуни маҳдуди мафҳуми санади ҳуқуи байналмилалӣ тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намудааст. Гарчанде дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ ва шартномаи байналмилалӣ як намуди санади ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ шудааст ва дар қарори Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳайси ҳуҷҷатҳои расмие, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо ба сифати ӯҳдадори ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф шудаанд» фаҳмида мешавад, ки ба ин мафҳум ҳуҷчатҳои Созмони Миллали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он дохил карда шудаанд.

Хулосаю пешниҳодоти муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории шартномаҳои байналмилалӣ нисбати танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқот мафҳумҳои калидии дар

қонунгузории ҷорӣ пешбинишуда бар таҳлилии адабиётии илмӣ, амалияи давлатҳои хориҷӣ омӯхта, дақиқ ва таълиф шудаанд. Ҳамчунин бори аввал дар таҳқиқоти мазкур зарурати такмили меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо далелҳои назариявӣ ва амалии дахлдор исбот шудааст. Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳимми назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд: муайян кардани дурнамои таҳаввули танзими шартномавии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқи баналмилалии хусусӣ; таҳлили муфассали меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаҳои байналмилалӣ ва таносуби онҳо бо ухдадориҳои байналмилалӣ; ҷарзёбии норасоиҳои мавҷуда дар амалияи ҳуқуқии миллии танзими шартномаҳои байналмилалӣ; таҳияи пешниҳодҳои мушаххасу илман асоснок барои такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши шартномаҳои байнламилалӣ ва мутобиқгардонии он ба стандартҳои байналмилалӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд дар такомули қонунгузории амалкунанда вобаста ба масъалаҳои накши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи усулҳои илмии санҷидашуда, ки дар соҳаҳои таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ истифода мешаванд, таъмин гардидааст.

Хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсия ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфта, далелҳои дар рисолаи илмӣ овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошад.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқ байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва такмили қонунгузории ин бахш дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтиомии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба рушди назарраси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба хусус дар самти омӯзиши масъалаҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Дар таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ин самт дар кишвар ба таври маҷмаавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назаррас мегузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар ва самарабахш шаванд. Пешниҳодоти мушаххаси муаллиф ҷиҳати такмилёбӣ ва рушди қонунгузории амалкунанда барои дуруст ва ягонагии татбиқи қонунгузорӣ мусоидат намуда метавонад.

Натиҷаҳои бадастомдм ба таъмини устувории муносибатҳои ҳуқуқӣ-хусусӣи бо унсурҳои хориҷӣ дар кишвар, баланд бардоштани сифати донишҳои ҷомеа ба қонун ва мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд. Такмили механизмҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ беҳтариро таҳким бахшида, боиси коҳиши эҳтимоли поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон мегардад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти ҳамаҷоенибаи илмӣ, амалӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта, барои рушди устувори ҷомеа ва давлат дар асрсаи байналмилалӣ нақши назаррас мегузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб дар таҳлили асоснок ва воқеъбинонаи паҳлуҳои назариявию амалии шартномаи байналмилалӣ, таҳлил намудани натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ-амалии муаллиф, таҳлили қонунгузории миллӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар бахши шартномаи байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои фароммиллӣ иникос меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб Холмуродзода Ф.Ш. дар омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва кишварҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии дутарафа ва бисёртарафа дар бахши танзими муносибатҳои хусусӣҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ сарчашма гирифта, ба дараҷаи навоварии илмии рисола, махсусан таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулоса, ки дастоварди бевоситаи муаллиф мебошанд, асоснок мегардад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос мекунад.

Ҳамчунин саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зохи мегардад ки бори дигар арзиши илмӣ-амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаҳои илмии нашршуда инъикос гардидаанд. Аз ҷумла, 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳо ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия ба таври мушаххас ва возеҳ баён гардидаанд. Аз ҷумла:

1. Холмуродзода Ф. Ш. Асноди байналмилалӣ ҳамчун усули ба як шакл даровардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №10, қисми I. – С. 232–241. – ISSN 2413-5151;

2. Холмуродзода Ф. Ш. Вазъ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2020. – №4 (36). – С. 173-185. – ISSN2305-0535;

3. Холмуродзода Ф. Ш. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи граждании: хусусиятҳои шартномаҳои байналмилалӣ бо унсури хориҷӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2021. – №4 (40). – С. 120-125. – ISSN2305-0535;

4. Холмуродзода Ф. Ш. Заминаҳои ҳуқуқии эътирофи шартномаи байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ − иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» – Июл – Сентябр 2021. – № 3 (35). – С. 172 – 182. – ISSN 2307 − 5198;

5. Холмуродзода Ф. Ш. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маҷаллаи илмӣ-байналмилалии "Фурӯғи илм"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2024 – №3 (03). – С. 126 – 135. – ISSN 3078-395X.

Теъдоди маводҳои чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебшад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин,

мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгуйи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, руйхати адабиётҳои истифодашуда буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 187 саҳифаро дар бар мегирад.

**Дар боби якум** – «Масоили назариявии табиати ҳуқуқии шартномаи байналмилалӣ дар низоми танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ» муаллиф масъалаҳои мухталифи баҳамалоқамандиро баррасӣ намудааст. Дар боби мазкур оид ба моҳият ва ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ зери таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки масъалаи моҳият ва мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар назари аввал камтар баҳснок менамояд. Ҳангоми омӯзиши ин масъала метавон ба чунин нофаҳмиҳо аз қабили худи таърифи сарчашмаи ҳуқуқ, масъалаи дугунагии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳо, муносибати байни шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ва ғайра дучор дучор омад.

Сифате, ки хусусияти меъёрҳои байналмилалӣ ва миллиро ба ҳам меорад, мавқеи мухтору мустақили онҳо дар робита ба давлати муайян ва низоми ҳуқуқии он мебошад. Ин мустақилият аз мавҷудияти ин

меъёрҳо дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқ бармеояд. Маҳз категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» меъёрро ҳамчун меъёри *ҳуқуқи* байналмилал*ӣ* ва дохил*ӣ* ташкил меди*ҳ*ад (саҳ. 36). Муаллиф ишора ба он менамояд, ки дар шароити амиқтар шудани ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, махсусан иқтисодиёт, зарурати объективии такмили минбаъдаи ҳуқуқҳое, ки муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалиро танзим мекунанд, пеш меояд. Дар айни замон хусусияти ин муносибатҳо бинобар тафовут дар тартиботи ҳуқуқии миллии давлатҳо аксар вақт хеле назаррас аст. Зеро иқтисодҳои миллии давлатҳои гуногун бо ҳам бо робитаҳои хоҷагидорӣ, ки муносибатҳои байналмилаии иқтисодиро ташкил медиҳанд, хеле зич алоқамананданд (саҳ. 72).

**Дар боби дуюм –** «Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва оилавӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ» оид ба хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ, нақш ва хусусиятиҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ бахшида шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф ба таври зарурӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва оилавӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷидоштаро тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда, шартномаҳои байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида зери таҳқиқот қарор додааст. Муаллиф ишора менамояд, ки тамоми кишварҳое, ки чӣ ба муносибатҳои бозорӣ мегузаранд ва чӣ ба принсипҳои нақшавӣ бо механизмҳои бозорӣ мепайванданд, барои такмил ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти худ кӯшиш мекунанд, ба раванди ягонаи ҳамгироӣ ворид мешаванд. Баробари ҳамин, дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо тадбирҳои дахлдори ҳамгироӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин соҳа сухан дар бораи танзими муносибатҳои

иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ дар ҳамбастагии зич бо принсипҳои ҳуқуқӣ меравад (саҳ. 94-95).

**Дар боби сеюм** – «Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-маданӣ бо унсурии хориҷӣ» зери таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои хусусияти шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ, нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофивӣ-мадании фаромарзӣ қарор дода шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф ба таври зарурӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ-мадании фаромарзиро мувофиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд, зери таҳқиқоти илмӣ-амалӣ қарор додааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки дар шароити муосир шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Меъёрҳои байналмилалие, ки ба воситаи онҳо ягонасозии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешавад, дар доираи созмонҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки пурра ё қисман бо мушкилоти танзими байналмилалии меҳнат машғуланд, таъсис дода мешаванд. Дар сатҳи байналмилалӣ як зумра санадҳои ҳуқуқии дорои хусусияти умумибашарӣ қабул шудаанд, ки ба таври муайян ба танзим ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ равона гардидаанд. Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ сатҳи ҷаҳонӣ, нақши калидиро созишномаҳои байналмилалӣ, хусусан конвенсияҳое мебозанд, ки таҳти сарпарастии Созмони байналмилалии меҳнат ва дар чаҳорчӯби фаъолияти СММ таҳия ва қабул мегарданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ

бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирии ҳамаҷониба мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои муаллиф диссертатсияи мазкур аз камбудиҳо ва масъалаҳои баҳснок холӣ намебошад. Аз ҷумла:

1. Дар боби якуми диссертатсия оид ба табиати ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ, амалӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, санадҳои байналмилалиро ҷамъбаст намудааст. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия муқаррарот, мафҳуми шартномаи байналмилалӣ пешниҳод гардида, хусусияти фарққунандагӣ оварда шудаанд? Пешниҳоди муаллиф бо кадом унсурҳо асоснок мегардад?

2. Аз руйи мазмуни қисми 2.1. диссертатсия муаллиф хусусияти шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ баррасӣ намудааст. Муаллиф нисбат масъалаҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Хуб мебуд, агар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷабҳаҳои дигар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар робитаҳои байналмилалӣ, ба монанди ҳуқуқи молу мулкӣ, объектони фаъолияти сармоягузорӣ, лизинг ва ғайра, ки бидуни шартномаҳои байналмилалӣ ғайри имкон аст, таҳқиқ мегардиданд.

3. Дар зербоби 3.2. диссертатсия, ки номи нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофиавӣ-

мадании фаромарзӣ дорад, муаллиф таҳқиқоти амалии замони муосирро нисбат ба татбиқи меъёрҳои санадҳои байналмилалии мақомоти судӣ дар кишварҳои минтақа берун аз мадди назар мондааст. Хуб мебуд, муаллифи диссертатсия аз амалияи замони имрӯза тибқи шартномаҳои байналмилалии мавҷуда бо мисолҳои мушаххас пояи илмии масъалаҳои зербанди мазкурро асоснок менамуд. .

**Автореферати диссертатсия** тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулосаи диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 20 августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Самадзода Бахтиёр Одилҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз руйи ихтисоси 12.00.03), мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии ДДҲБСТ таҳия гардида дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокимава ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 12 нафар иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 20 августи соли 2025.

Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Рофиева А.Ҳ.**

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Самадзода Б.О.**

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Абдувоҳидов М.Р.**

**Имзои Рофиева А.Ҳ., Самадзода Б.О. ва котиб Абдувоҳидов М.Р. –ро тасдиқ менамоям.**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.х., дотсент **Бобоев А.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1. ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj